Информационная функция государства имеет внешнюю и внутреннюю направленность. Информационная функция государства осуществляется по следующим направлениям: выстраивание государственной информационной политики; выработка приоритетных направлений государственной политики в сфере информатизации; сертификация информационных систем, технологий и средств их обеспечения; финансирование приоритетных направлений информатизации; государственный учет в сфере информатизации; образование в области информатизации; ограничение монополистической деятельности в сфере информатизации. Содержание информационной функции составляют: государственная поддержка информационных ресурсов, систем, технологий, средств; повышение информационной культуры населения, профессиональная подготовка специалистов; предотвращение монополизации в сфере информатизации; противодействие новым информационным угрозам (информационная война, гибридная война, киберугрозы и др.). В результате проведенного исследования сформулировано авторское определение понятия «информационная функция государства», которое вынесено на защиту в качестве научного положения.

Во втором параграфе второй главы **«Дискуссионные аспекты проблемы формирования информационной функции государства»** сформулирован вывод о том, что в литературе дискутируется вопрос о моменте возникновения информационной функции государства. В древних государствах существовали также иные способы и каналы передачи и распространения информации, которая отражала существовавшие тогда идеологические, мировоззренческие, мифические, культовые установки. Функции информационного обеспечения осуществляли также средневековые государства. Информационная деятельность государства, а именно деятельность по сбору, анализу, хранению, распространению информации (культурно-духовной, правовой и др.) осуществляется на всех этапах развития государства. Любое государство с момента своего возникновения выполняло задачу по сбору, хранению, распространению информа-

ции. Информационная деятельность государства приобретает целенаправленный, организованный, устойчивый и основательный характер в современных условиях – на этапе формирования информационного общества, когда возникла потребность в целенаправленном, организованном, устойчивом государственном управлении. Поэтому на этапе формирования информационного общества и создания государством информационных ресурсов в полной мере реализуется информационная функция государства.

Сущность и социальное назначение древних, средневековых и поздних государств выражается не в их информационной, а в иной (классово-политической, идеологической и др.) деятельности. Лишь в наши дни информационная функция государства служит формой иллюстрации сущности и социального назначения современного государства. Информационная функция государства возникает на этапе информатизации общества, формирования информационного общества, реализации достижений информационно-технологической революции, которая охватывает все больше стран, создания государственных информационных ресурсов, информационного потенциала современного государства. Следует также различать понятия «информационная деятельность государственных органов» и «информационная функция государства». Государство на всем протяжении своего существования осуществляет деятельность по сбору, анализу, использованию, распространению, обмену информацией. Однако на современном этапе развития общества, в частности, под влиянием информационно-технологической революции и информатизации общества, информационная функция приобретает самостоятельное значение.

В третьем параграфе второй главы **«Факторы, обуславливающие необходимость и значение информационной функции государства»** исследуются факторы, приведшие к самостоятельности и значимости информационной функции государства. Формирование информационной функции государства обусловлено объективными потребностями развития общества. Государство не может быть безучастным к сфере распространения информации, в частности, содержащей правовые идеи, идеалы и ценности. Это подтверждает необходимость информационной функции государства. Одним из факторов актуализации информационной деятельности государства стало появление в информационном пространстве свободных средств массовой информации, в том числе электронных.

Информационную функцию государства актуализирует государственная информационная политика, в рамках которой реализуются Государственная стратегия «Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан», Государственная программа развития и внедрения информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан и др. Информационную функцию государства актуализирует формирование электронного правительства, которое формируется в рамках Концепции формирования электронного правительства в Республике Таджикистан. Информационную функцию государства обуславливает потребность в регулировании информационных отношений в постсоветских государствах. Одним из факторов, обуславливающих проведение самостоятельной информационной функции, является вхождение Таджикистана в мировое информационное пространство.

Другим немаловажным фактором в пользу самостоятельности и необходимости реализации информационной функции государства является обеспечение права человека на свободу информации, доступ к необходимой для него информации, прозрачность и открытость информационного поля при соблюдении, разумеется, информационной безопасности. Информационная безопасность, обеспечиваемая в рамках Концепции информационной безопасности Республики Таджикистан, может быть эффективно обеспечена в процессе реализации им информационной функции. Одним из факторов, влияющих на самостоятельность и значение информационной функции, является управленческий аспект информационной деятельности государства. Другим фактором, актуализирующим необходимость информационной функции современного государства, является активизация информационно-психологической войны.

В четвертом параграфе второй главы **«Информация как объект государственно-правового воздействия»** раскрываются понятия «информация», «информационная система» и «информационные технологии», «информационный суверенитет». Информационный суверенитет означает исключительное право собственности государства на информационные ресурсы, которые обладают следующими свойствами: национальный характер информационных ресурсов; их принадлежность исключительно государству; их формирование независимо от всякого рода внешних и внутренних условий; право свободно, самостоятельно, независимо распоряжаться указанными ресурсами; распространение информационных ресурсов на всю тер-

риторию государства. Средствами обеспечения информационного суверенитета государства являются: защита информационной безопасности; противодействие информационных вызовам и угрозам; информационная политика государства; распространение государственной информации, нацеленной на защиту национальных интересов; защита национального информационного пространства; контроль и надзор государства в сфере создания и использования государственных информационных ресурсов.

В процессе государственно-правового регулирования информационной сферы наглядно проявляются следующие свойства информации: она является необходимым компонентом механизма правового регулирования, основой правотворческой, правоприменительной, правоохранительной деятельности; является основой принятия политических и управленческий решений, условием информационного обеспечения образовательного и воспитательного процесса, средством формирования правосознания и правовой культуры, разрешения социальных конфликтов, содержательной формой реализации информационной политики. Информационная деятельность государства обладает следующими свойствами: предполагает целенаправленную, организованную, упорядоченную деятельность государства; осуществляется государством, его органами, юридическими и физическими лицами; предполагает деятельность субъектов как внутри страны, так и во внешних сношениях с целью вовлечения в глобальное информационное пространство; осуществляется с целью защиты информационной безопасности. Видами информационной деятельности являются: гарантирование права на информацию; получение, использование, распространение, защита информации; создание информационных технологий и систем; хранение информации, ее переработка и анализ; установление режима безопасности объектов информации; информационный обмен; контрольно-надзорная деятельность в сфере информации; государственно-правовое воздействие на информационную сферу; внешнее информационное сотрудничество.

Государственно-правовое воздействие на информационное пространство осуществляется по следующим направлениям: реализация информационной политики государства; обеспечение конкуренции в сфере информации, реализация мер по недопущению монополизма на рынке информации и информационных услуг; обеспечение права на доступ к информации; защита информации, связанной с нацио-

нальными интересами, духовно-культурными устоями жизни общества; противостояние проникновению в национальное информационное пространство чуждых элементов, негативно влияющих на культурно-национальную идентичность; защита информационной безопасности, интеллектуальной собственности, информационных ресурсов; противодействие информационным угрозам; контроль в сфере использования информационных и телекоммуникационных технологий; цензура в глобальных информационных сетях.

В пятом параграфе второй главы **«Реализация информационной функции государства»** предлагается авторское определение понятия «механизм реализации информационной функции государства». Он включает следующие элементы: 1) субъекты, осуществляющие или содействующие осуществлению информационной функции; 2) объекты государственно-правового информационного воздействия; 3) формы реализации информационной функции государства; 4) методы реализации информационной функции государства; 5) способы обеспечения эффективности государственно-правового воздействия на информационную сферу; 6) государственная информационная политика как система политических решений и правовых средств воздействия, направленных на информатизацию общества и регулирование информационных отношений.

Под формами реализации информационной функции государства следует понимать правовые и неправовые способы и проявления фактической (практической) деятельности государства по созданию, хранению, обработке, передаче, распространению и защите информации с целью формирования и функционирования информационного общества. Формами реализации информационной функции государства являются: правотворческая, исполнительная, учетная, правоохранительная деятельность. В процессе реализации информационной функции используются методы дозволения, запрета, обязывания.

Основными направлениями реализации информационной функции государства являются: формирование информационного общества; создание единого информационного пространства Таджикистана как части мирового информационного пространства; обеспечение полноправного участия Республики Таджикистан в процессах информационной интеграции; сбор, анализ, распространение, хранение информации в целях защиты национальных интересов; обеспечение права человека на информацию; развитие рынка информа-

ционных знаний и услуг; создание информационного потенциала государства; государственная поддержка создания новых информационных технологий и телекоммуникационных средств; информационное обеспечение учебного процесса; информатизация общества; защита информационной безопасности.

В **заключении** диссертации подведены общие итоги проведенного исследования, изложены рекомендации по практическому использованию достигнутых результатов.

## Основные положения диссертации отражены в следующих публикациях автора:

### Научные статьи, опубликованные в ведущих рецензируемых научных журналах, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан:

1. Ибрагимов, Д.К. Понятие функции государства в контексте разнообразия теоретических подходов / Д.К. Ибрагимов // Вестник ТНУ. – 2015. – № 2/6 (175). – С. 289-293 (0,5 п. л.).

2. Ибрагимов, Д.К. Этимологическая характеристика категории «функции государства» в исторической ретроспективе / Д.К. Ибрагимов // Вестник ТНУ. – 2015. – № 3/6 (176). – С. 84-86 (0,37 п. л.).

3. Ибрагимов, Д.К. Место информационной функции в системе функций государства / Д.К. Ибрагимов // Вестник ТНУ. – 2017. – № 2/2. – С. 225-227 (0,37 п. л.).

### Научные статьи, опубликованные в иных изданиях:

4. Ибрагимов, Д.К. Единое информационное пространство как сфера реализации информационно-коммуникативной функции / Д.К. Ибрагимов // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 2 (02). – С. 29-32 (0,25 п. л.).

5. Ибрагимов, Д.К. Самостоятельность информационной функции как основного направления деятельности государства / Д.К. Ибрагимов // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 1 (05). – С. 26-31 (0,37 п. л.).

6. Ибрагимов, Д.К. Сущностная характеристика категории «функции государства» в исторической ретроспективе / Д.К. Ибрагимов // Материалы международной научно-практической конференции «Развитие конституционализма в Таджикистане в период независимости». – Душанбе, 2014. – С. 223-228 (0,37 п. л.).

**7.** Ибрагимов, Д.К. «Функция государства» как фундаментальная категория современного государствоведения / Д.К. Ибрагимов // Материалы международной научно-практической конференции «Современные тенденции развития науки и технологий». – Белгород, 2016. – № 3-6. – С. 44-48 (0,3 п. л.).

8. Ибрагимов, Д.К. Категория «функции государства» в сравнительной ретроспективе / Д.К. Ибрагимов // Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы права России и стран СНГ». – Челябинск, 2015. – С. 60-64 (0,3 п. л.).

9. Ибрагимов, Д.К. Сущность функции государства в контексте разнообразия теоретических подходов / Д.К. Ибрагимов // Материалы международной научно-теоретической конференции «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана», посвященной 70-летию Победы в Великой Отечественной войне (17-18 апреля 2015 г.). – Курган-Тюбе, 2015. – С. 235-239 (0,3 п. л.).

10. Ибрагимов, Д.К. Многообразие понятия «функции государства»: анализ теоретических подходов / Д.К. Ибрагимов // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистана. – 2017. – № 2. – С. 92-100 (0,55 п. л.).

# АННОТАЦИЯ

## на диссертацию Ибрагимова Далера Каюмовича на тему: «Информационная функция государства и ее реализация в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики»

Ключевые слова: функция, функция государства, информация, информационная функция государства, информационная деятельность, информационные технологии, информационная политика, информационные ресурсы, информационный суверенитет, информационная безопасность, информационные угрозы, информационное воздействие, информатизация, информационное общество, информационное пространство.

Целью диссертационного исследования является научный анализ понятия и признаков информационной функции государства, обоснование ее самостоятельного места в системе функций государства, а также механизма ее реализации.

Методологическую основу диссертации составляют общенаучные и специальные методы, способы, приемы и принципы научного познания, в частности, философские принципы и методы, специальные методы кибернетики и информатики, социологического анализа, частно-научные – формально-юридический, историко-правовой, сравнительно-правовой, логико-правовой, информационно-правовой и другие методы.

Диссертационное исследование представляет собой одно из первых специальных исследований информационной функции государства Таджикистан. В ней раскрыто понятие информационной функции государства, выявлены ее признаки, социальные факторы и условия, доказывающие самостоятельность данной функции, ее значимость в условиях формирования национального и глобального информационного общества, проанализированы каналы государственно-правового воздействия на информационную сферу, пути реализации информационной функции государства в Таджикистане.

По итогам исследования выработаны рекомендации по практической реализации информационной функции государства.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Ибрагимов Далер Қаюмович дар мавзӯи «Функсияи иттилоотии давлат ва амалӣ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия»**

**Калидвожаҳо**: функсия, функсияи давлат, иттилоот, функсияи иттилоотии давлат, фаъолияти иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, сиёсати иттилоотӣ, захираҳои иттилоотӣ, соҳибихтиёрии иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, таъсиррасонии иттилоотӣ, иттилоотонӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, фазои иттилоотӣ.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқоти илмии мафҳум ва аломатҳои функсияи иттилоотии давлат, асоснок намудани мустақилияти он дар низоми функсияҳои давлат, инчунин механизми амалӣ намудани он ташкил медиҳад.

Асоси методологии диссертатсияро усулҳо, тарзҳо, роҳҳо ва принсипҳои умумиилмӣ ва махсуси дарки илмӣ, аз ҷумла принсипҳо ва усулҳои фалсафӣ, усулҳои махсуси кибернетика ва информатика, таҳлили сотсиологӣ, усулҳои хусусии илмӣ, аз қабили шаклии меъёрӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, иттилоотӣ-ҳуқукӣ ва усулҳои дигар ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз аввалин таҳқиқоти махсуси функсияи иттилоотии давлати Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар он мафҳуми функсияи иттилоотии давлат рӯшан карда мешавад, аломатҳои он муайян карда мешаванд, шароиту омилҳои иҷтимоӣ, ки мустақилияти функсияи мазкур, аҳамияташро дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотии миллӣ ва ҷаҳонӣ собит менамоянд, таҳлил мегарданд, роҳҳои таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи иттилоот, самтҳои амалисозии функсияи иттилоотии давлат дар Тоҷикистон омӯхта мешаванд.

Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳо оид ба амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат пешкаш карда мешаванд.

## ANNOTATION
## on the dissertation work of Ibragimov Daler Kajumov
## on the theme "Informational function of the state and its realization in the Republic of Tajikistan: the issues of the theory and practice"

**Key words:** function, the function of the state, information, informational function of the state, informational activity, informational technologies, informational policy, informational resources, informational sovereign, informational security, informational threat, informational influence, informational society, informing, informational space.

The principle aim of the dissertation investigation is the scientific analysis of the notion and signs of informational function of the state, justification of its independent role in the whole system of state's functions, as well as mechanisms of its realization.

Methodological basis of the dissertation is composed of the general scientific and special methods, technics, means and principles of scientific cognition, in particular, philosophical principles and methods, special technics of cybernetics and informatics, sociological analysis, private scientific- official judicial, historical and legal, comparative-legal, logical-legal, informational-legal, and other methods.

Dissertation investigation work represents itself one of the first special investigations of the informational function of the state in Tajikistan. Dissertation work defines the notion of informational function of the state, reveals its signs, social factors and conditions proving the independence of such function, its importance in conditions of national and global information society formation, as well as analyses the channels of governmental lawful influence on the informational sphere, and also the ways of realization of informational functions of the state in Tajikistan.

Some recommendations on practical realization of the informational function of the state are collaborated on the conclusion of the present scientific research investigation.

# Донишгоҳи миллии Тоҷикистон


*Бо ҳуқуқи дастнавис*


**УДК: 342(575.3)**
**ББК: 67.0**
**И- 15**



## Ибрагимов Далер Қаюмович


# Функсияи иттилоотии давлат ва амалӣ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия

**Автореферати**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –**
**назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ**
**ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**


**Душанбе – 2019**

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | Доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон<br>**Сотиволдиев Рустам Шарофович** |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Хамраев Анвар Махмадалиевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқи байналхалқии Донишгоҳи иқтисоди ҷаҳон ва дипломатияи назди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон, академики Академияи илмҳои Турон (ш. Тошкент, Ҷумҳурии Ўзбекистон) |
| | **Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедаи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия «12» апрели соли 2019 соати $12^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, толори шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи **www.tnu.tj** ва дар китобхонаи маркази илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ______ соли 2019 тақсим карда шуд.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Мубрамияти функсияи иттилоотии давлат бо он собит мегардад, ки самаранокии фаъолияти функсионалии давлати муосир аз истифодаи самарабахши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вобастагӣ дорад. Тибқи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003 тасдиқ шудааст, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ «дар навгонӣ ва азнавсозии тамоми намудҳои фаъолият, ки дар маҷмӯъ моҳияти давлатро ташкил медиҳанд, ҷойи марказиро соҳибанд»[1]. Ҳуҷҷати мазкур самтҳои зерини фаъолияти давлатро дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян мекунад: ташкили «ҳукумати электронӣ»; электроникунонии меҳнати идоракунандагон; инкишофи системаҳои гардиши электронии ҳуҷҷатҳо ва шабакаҳои иттилоотии локалӣ; таъмини тавозуни стандартҳои миллӣ ва байналмилалии нигоҳдории иттилоот, коргузорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо; таъмини дастрасии васеи захираҳои иттилоотии давлатии кушод; ҳамкории самарабахши мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор.

Масъалаҳои ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам бардошта мешаванд. Роҳбари давлат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2011 аз ҷумла таъкид намуданд: «Асри XXI замони технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад»[2].

---

[1] Ниг.: Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бо Фарноми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-и ноябри соли 2003 № 1174 тасдиқ шудааст. // Адлия: Бонки марказонидашудаи иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 6.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. Диски электронии оптикӣ (CD-ROM).

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми апрели соли 2011 [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/864 (санаи муроҷиат 22-и январи с. 2015).

Функсияи иттилоотии давлат амалӣ гардидани Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро[3], ки «системаи ғояҳои расмии давлат оид ба ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо ва самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи иттилоот» мебошад, таъмин мекунад. Консепсияи мазкур ба таъмини идоракунии давлатии самарабахш тавассути ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ-таҳлилии муосир, қабули қарорҳои идоракунӣ, таҳия, қабул ва амалисозии барномаи сиёсати иттилоотии давлат равона карда мешавад.

Функсияи иттилоотии давлат ба ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити афзоиши таҳдидҳои иттилоотӣ (ҷанги иттилоотӣ, ҷинояткории киберӣ, терроризм ва дигар) равона карда мешавад. Тибқи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», стратегияи давлат дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ҳалли вазифаҳои зеринро дар назар дорад: ҳифзи системаҳои иттилоотии давлатӣ аз воридшавии ғайриқонунӣ; ҳимояи манбаъҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шахсӣ; бехатарии шабакаҳо ва системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ; мубориза бо ҷиноятҳои соҳаи иттилоотӣ; роҳандозии тадбирҳои фаврӣ ҳангоми халалдор гардидани амнияти иттилоотӣ; ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ. Дар Қарори 57/295 Маҷмааи Умумии СММ аз 20 декабри соли 2002 таъкид мешавад, ки таъмини самарабахши бехатарии системаҳои иттилоотӣ тавассути, пеш аз ҳама, фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва технологӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамаи ин бори дигар мубрам будани функсияи иттилоотии давлатро собит менамояд.

Тибқи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ гардидани сиёсати иттилоотӣ барои ҳимояи мамлакат аз дахолати воқеии иттилоотӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишварҳои мутараққӣ ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳо дар бахши ворид шудан ба шабакаҳои иттилоотии глобалӣ бо дарназардошти ҳифзи захираҳои иттилоотии миллӣ, муқовимат ба таҳдиди аслиҳаи иттилоотӣ ва терроризми иттилоотӣ мусоидат мекунад. Дар доираи Консепсияи амнияти иттилоотии

---

[3] Ниг.: Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумхурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми апрели соли 2008 №451 тасдиқ шудааст.// Адлия: Бонки марказонидашудаи иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 6.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. Диски электронии оптикӣ (CD-ROM).

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи давлат вазифаи такмили шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои ошкор намудан, баҳодиҳӣ ва пешбинии таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин системаи муқовимат ба ин таҳдидҳо гузошта шудааст.

Дар марҳилаи муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ворид гардида, барномаҳои байнидавлатии кишварҳои ҳамкорро бахри ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори иттилоотии хеш амалӣ мекунад. Айни замон ҳимояи манфиатҳои миллӣ вазифаи аввалиндараҷаи давлат зимни амалисозии функсияи иттилоотӣ маҳсуб мешавад.

Дар ҳамоиши Сарони давлатҳои ИДМ, ки дар шаҳри Душанбе 28 сентябри соли 2018 баргузор гардид, Созишнома оид ба ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бо ҷиноятҳои соҳаи технологияҳои иттилоотӣ қабул гардид. Ин созишнома дар маҷлиси Шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои ИДМ моҳи апрели соли 2018 дар шаҳри Минск ҷонибдорӣ гардида буд. Созишномаи мазкур ба ҷойи Созишномаи амалкунандаи давлатҳои аъзои ИДМ оид ба мубориза бо ҷиноятҳои соҳаи иттилооти компютерӣ аз 1 июни соли 2001 қабул гардид. Дар Созишномаи нав вазифаҳо оид ба вусъат бахшидан ба мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ гузошта шуда, мафҳумҳои нави ин соҳа ҳамоҳанг карда мешаванд ва шаклҳои васеътари ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои ИДМ дар бахши иттилоот пешбинӣ гардидаанд. Созишномаи мазкур ба таъмини муштараки амнияти иттилоотии кишварҳои ИДМ, аз ҷумла тавассути пурзӯр намудани мубориза бо терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ равона гардидааст.

Вазифаҳои зикршуда дар соҳаи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон, ворид шудани он ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ, ҳифзи амнияти иттилоотӣ, рушди иқтидори технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии хеш, муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави иттилоотӣ дар ҷараёни роҳандозии функсияи иттилоотии давлат ҳалли худро ёфта метавонанд.

Илова бар ин, дар илм гуногунии нуқтаҳои назари илмӣ оид ба мустақилият, мафҳум, ҳадафҳои функсияи иттилоотии давлат, замони пайдоиши он, таносубаш бо самтҳои дигари фаъолияти функсионалии давлат, ҷояш дар низоми функсияҳои давлати муосир мушоҳида мешавад. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, таҳқиқи илмии функсияи иттилоотии давлат, муайян намудани асосҳои илмӣ-методологии мустақилияти он ҳамчун самти фаъолияти давлати муосир дар робита бо

таҳлили амиқи ҳолати кунунӣ ва инкишофи функсияҳои давлати муосир, таснифи ин функсияҳо, муайян намудани самтҳои нави фаъолияти функсионалии давлат дар шароити ҳалли вазифаҳои нави мубрам аҳамияти илмӣ дорад.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро собит менамояд.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ.** Функсияҳои давлат ҳамчун проблемаи анъанавии илми ҳуқуқшиносӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимони зерин қарор дорад: М.И. Байтин, С.В. Бабаев, М.Т. Баймаханов, А.Б. Венгеров, С.Г. Вагин, А.П. Глебов, В.В. Дяконов, А.И. Денисов, Л.И. Каск, В.В. Лазарев, М.Н. Марченко, Н.И. Матузов, Л.А. Морозова, А.В. Малко, С.А. Комаров, В.С. Нерсесянс, В.С. Петров, В.Д. Перевалов, Р.Ш. Сотиволдиев, Т.Н. Радко, В.Е. Чиркин, Н.В. Черноголовкин ва дигарон. Дар асарҳои олимони зикршуда мафҳум, аломатҳо, тасниф, шаклҳо ва усулҳои амалисозии функсияҳои давлат таҳқиқ карда шудаанд.

Дар солҳои 60-80-уми асри гузашта дар асарҳои Н.Д. Андреев, Ю.М. Батурин, Н.В. Витрук, А.Б. Венгеров, А.И. Масляев, Ю.В. Кудрявсев, Д.А. Керимов, А.А. Тилле, Г.В. Швеков ва дигарон ҷанбаҳои назарияи иттилооти ҳуқуқӣ, истифодаи усулҳои кибернетикӣ ва математикӣ, иттилоот ба ҳайси категорияи назарияи давлат ва ҳуқуқ васеъ таҳқиқ карда шудааст. Дар охирҳои солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум дар асарҳои як қатор олимон (В.П. Иванский, И.В. Котелевская ва дигарон) таҳқиқи проблемаи информатикаи ҳуқуқӣ фаъол мегардад. Ба масъалаи мафҳуми иттилоот асарҳои Н. Винер, А.Д. Урсул, В. Шнейдеров, А.В. Минбалеев, В.А. Копилов ва дигарон бахшида шудаанд.

Мафҳум, аломатҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии функсияи иттилоотии давлат дар асарҳои А.М. Артемев, М.А. Бухтерева, А.Н. Буховетс, М.М. Борисевич, И.Л. Бачило, А.Б. Венгеров, А.Н. Васенина, О.С. Гузеева, Д.В. Игнатев, О.С. Иванов, Б.П. Курашвили, И.И. Костарева, Н.Н. Ковалева, В.С. Кудри, Н.Н. Лапченко, В.Н. Монахов, Л.А. Морозова, М.М. Миеркулов, В.С. Нерсесянс, А.С. Никодимов, О.Г. Павелева, Ж.А. Павленко, Н.Б. Пахоленко, А.В. Поляков, Ю.Г. Просвирин, Ю.Т. Просвирин, В.Н Садовский, Э.В. Талапина, И.Ю. Титов, Е.С. Устинович, О.Х. Хурзокова, Н.Н. Федосеева, В.И. Чумаров, В.А. Четвернин, Д.В. Шукин ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд. Оид ба проблемаи функсияи иттилоотии давлат аз ҷониби як қатор муҳаққиқон (И.Ю. Никодимов, А.Н. Васенина, В.С. Кудря,

В.Н. Монахов, М.М. Меркулов ва дигарон) таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронида шудааст.

Дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мафҳум, тасниф ва амалисозии функсияҳои давлат, инчунин ҷанбаҳои алоҳидаи он дар ҳошияи проблемаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва умуминазариявӣ дар асарҳои С.И.Иброҳимов, Ҷ.З. Маҷидзода, Насриддинзода Э.С, Раҳмон Д.С, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, А.А. Хамраев, Ғ.А.Шокиров ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд. Ҷанбаҳои граждани-ҳуқуқии танзими муносибатҳои иттилоотӣ, аз ҷумла проблемаҳои танзими граждани-хуқуқии ҳуқуқи иттилоотии шахс дар Тоҷикистон, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои иттилоотии граждани дар ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотии граждании кӯдак дар асарҳои Ш.К. Ғаюров, Н.Ш. Қурбоналиев, Ф.А. Қосимов ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд. Ҷанбаҳои ҳуқуқи иттилоотии оммавӣ дар асарҳои А.М. Диноршоев, Ҷ.Ш. Қодиров ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Айни замон функсияи иттилоотии давлат ҳамчун проблемаи мустақил ва мавзӯи таҳқиқоти алоҳидаи диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ҳол таҳқиқ карда нашудааст. Таҳқиқоти мазкур ба бартараф намудани ин камбудӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона карда мешавад.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзӯи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди ҳаёти давлатӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон дар робита бо ҳимояи манфиатҳои миллӣ, муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ» ба иҷро расидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқи илмии мафҳум ва аломатҳои функсияи иттилоотии давлат, асоснок намудани мустақилияти он дар низоми функсияҳои давлат, инчунин механизми амалисозии он ташкил медиҳад.

Дар робита бо мақсади зикршуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

- равшан намудани мафҳуми функсияҳои давлат бо дарназардошти усулҳои илмӣ-методологӣ ва пешкаши таърифи муаллиф оид ба ин мафҳум;

- таҳлили намудҳои гуногуни таснифи функсияҳои давлат бо мақсади муайян намудани мавқеи функсияи иттилоотӣ дар низоми умумии функсияҳои давлати муосир;

- асоснок намудани мустақилияти функсияи иттилоотии давлат дар заминаи таҳлили маҷмӯи шароиту омилҳо;

- муайян намудани мафҳуми функсияи иттилоотии давлат дар заминаи таҳлили аломатҳои муҳимми он ва омилҳои ҳаёти ҷомеа, ки боиси иттилоотонии ҷомеа мешаванд;

- таҳлили проблемаи ташаккули функсияи иттилоотии давлат бо дарназардошти шароит ва замони пайдоиши он;

- муайян ва таҳлил намудани маҷмӯи омилҳо, ки аҳамияти функсияи иттилоотии давлат ва зарурати ба таври васеъ амалӣ намудани онро собит менамоянд;

- таҳқиқи иттилоот ҳамчун объекти таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ дар ҳошияи дарки он ва баҳри муайян намудани самтҳои асосии танзими давлатии ҷомеаи иттилоотӣ;

- таҳлили мафҳум, унсурҳо ва роҳҳои амалисозии функсияи иттилоотии давлат.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятӣ ва равандҳои соҳаи иттилоот, иттилоотонӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Предмети таҳқиқоти диссертатсиониро мафҳумҳо, категорияҳо ва падидаҳои назариявӣ, ки бо фаъолияти иттилоотии давлат алоқаманд мебошанд, ташкил медиҳанд.

**Асоси илмӣ ва методологии диссертатсия**. Заминаи илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ақидаҳо ва нуқтаҳои назари илмӣ, ки бо функсияҳои давлат, аз ҷумла функсияи иттилоотии давлат, иттилоот ва фаъолияти иттилоотӣ алоқаманд мебошанд, ташкил медиҳанд. Сатҳи назариявии диссертатсияро мафҳумҳо ва категорияҳои пазируфташуда дар соҳаи фаъолияти функсионалии давлат, механизми таъсири он ба равандҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттилоотӣ ташкил медиҳанд. Заминаи назариявии диссертатсияро асарҳои илмӣ ва маводи таълимӣ, ки барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда кофӣ мебошанд, ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти хусусияти комплексии диссертатсия дар он асарҳои олимон оид ба ҷанбаҳои гуногуни проблемаи функсия, аз ҷумла дар соҳаи кибернетика, информатика, иттилооти ҳуқуқӣ, идоракунии давлатӣ истифода шудаанд. Дар байни онҳо асарҳои назариячиён оид ба назарияи функсияҳои давлат ҷойи марказиро соҳибанд.

Асоси методологии диссертатсияро усулҳо, тарзҳо, роҳҳо ва принсипҳои умумиилмӣ ва махсуси дарки илмӣ ташкил медиҳанд. Дар доираи принсипҳо ва усулҳои фалсафӣ дар диссертатсия принсипҳои таҳқиқи объективӣ, танқидӣ, ҳаматарафа, диалектикӣ, мафҳумҳои фалсафии «система», «сохт», «функсия», «иттилоот» ва дигар, инчунин усулҳои диалектикӣ, системавӣ-таркибӣ, функсионалӣ истифода мешаванд. Онҳо имкон доданд, ки таҳлили диалектикӣ, системавӣ-таркибӣ, функсионалии функсияи иттилоотии давлат гузаронида шуда, мафҳуми назариявии он бо дарназардошти робитаҳои дохилисистемавӣ ва беруна, унсурҳои таркибии мазмунии он пешбарӣ карда шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи усулҳои илмии махсуси кибернетика ва информатика, таҳлили сотсиологӣ, аз ҷумла ҷамъу таҳлили омилҳо гузаронида мешавад. Дар заминаи онҳо, аз ҷумла бо истифода аз дастовардҳои илмии соҳаи иттилоот ва воситаҳои иттилоотӣ мафҳуми функсияи иттилоотии давлат, мазмуни иттилоотии он, воситаҳо ва усулҳои иттилоотии амалисозии функсияи мазкур муайян карда мешаванд. Усулҳои махсуси зикршуда барои муайян намудани хусусиятҳои функсияи иттилоотии давлат дар соҳаи коркард, таҳлил, нигоҳдорӣ, ҳифз, паҳн намудани иттилоот мусоидат намуданд.

Дар диссертатсия усулҳои илмии хусусии ҳуқуқӣ, аз ҷумла шаклии ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, иттилоотӣ-ҳуқуқӣ ва дигар истифода мешаванд. Дар заминаи онҳо мафҳум, нишонаҳо, унсурҳои таркибӣ, инкишоф, шаклҳо ва усулҳои амалисозии функсияи иттилоотии давлат муайян карда мешаванд.

**Навгонии илмии диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мустақили функсияи иттилоотии давлат дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда мафҳуми функсияи иттилоотии давлат дар иртибот бо аломатҳояш равшан карда шуда, дар заминаи омилҳои ошкоргардида мустақилияти он исбот карда мешавад. Дар диссертатсия нуқтаҳо ва хулосаҳо оид ба замони ташаккули функсияи иттилоотии давлат, аҳамият ва зарурати амалӣ намудани он дар шароити инкишофи ҷомеаи иттилоотии миллӣ ва ҷаҳонӣ асоснок ва пешниҳод карда мешаванд. Дар ҷараёни таҳқиқот роҳҳои таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи иттилоотӣ, амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат дар Тоҷикистон муайян ва таҳлил карда мешаванд. Дар диссертатсия консепсияи назариявии функсияи иттилоотии давлат дар робита бо нишонаҳо, унсурҳои таркибӣ ва робитаҳои беруна муайян ва пешкаш карда мешавад. Он барои исбот намудани мустақилияти функсияи ит-

тилоотии давлат дар низоми функсияҳои давлати муосир мусоидат менамояд. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия бо нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш карда мешаванд, собит мегардад.

**Ба ҳимоя нуқтаҳои илмии зерин пешкаш карда мешаванд**:

1. Функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияташ мебошанд, ки дар робита бо талаботи объективии рушди ҷомеа муайян гардида, моҳият ва таъиноти иҷтимоии давлатро дар ҷодаи ҳалли вазифаҳои мубрам дар марҳилаи муайяни инкишофи ҷомеа ифода мекунанд. Таҳқиқи функсияҳои давлат бо истифода аз нуқтаи назари амалӣ афзалияти бештар дорад. Дар ин замина функсияҳои давлат дар самтҳои асосии фаъолияташ зоҳир мешаванд. Бар замми ин, мазмуни фаъолияти давлатро фаъолияти ҳам эҳтимолӣ ва ҳам амалӣ ташкил медиҳад.

2. Ба ҳайси маҳакҳои таснифи функсияҳои давлат соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, инчунин муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти таъсиррасонии давлатӣ (функсионалӣ) баромад мекунанд. Дар ин замина функсияҳои зерини давлатро пешкаш намудан мумкин аст: иқтисодӣ; иҷтимоӣ (таъминот ва ҳифзи иҷтимоӣ); сиёсӣ; фарҳангӣ-маънавӣ; идеологӣ (мафкуравӣ); иттилоотӣ; экологӣ; ҳифзи ҳуқуқӣ; молиявӣ-андозбандӣ. Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, иттилоотонии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, истифодаи васеи иттилоот дар идоракунии давлатӣ, ворид гаштани мамлакат ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва мутобиқан муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ заминаҳои ҷудо намудани функсияи иттилоотӣ ва дохил намудани он ба низоми функсияҳои давлати муосир мебошанд.

3. Мустақилияти функсияи иттилоотии давлат бо асосҳои зерин собит мегардад: 1) мавҷудияти объекти таъсиррасонӣ (низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарҳрезӣ, нигоҳдорӣ, коркард, мубодила, паҳн намудани иттилоот); 2) мазмуни мустақил (маҷмӯи амалиёт дар соҳаи иттилоотонии ҷомеа); 3) субъектони умумӣ ва махсуси амалисозии функсияи иттилоотӣ; 4) амалисозии он бо истифода аз шаклҳои муайян ва усулҳои махсус; 5) танзими давлатӣ-ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ; 6) хусусияти доимӣ, бефосила, устувори ин функсия.

Функсияи иттилоотии давлат аломатҳои зайл дорад: 1) мазмуни фаъолияти давлатро ташкил медиҳад; 2) тавассути таъсиси сохторҳои махсус (мустақил) ва ёрирасон (иловагӣ) амалӣ карда мешавад; 3) самаранокии идоракунии давлатии муносибатҳо, ҷараёнҳо, равандҳои иттилоотиро таъмин мекунад; 4) ба таъмини амнияти иттилоотӣ ҳамчун шарт ва унсури амнияти миллӣ равона гардидааст; 5) заминаи

мустақили меъёрӣ-ҳуқуқии сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дорад; 6) аз амалишавии он рушди устувори ҷомеа вобастагӣ дорад; 7) дар хусусияти комплексии фаъолияти иттилоотӣ, аз ҷумла дар фаъолияти иттилоотии дохилӣ ва беруна зоҳир мегардад.

4. Функсияи иттилоотии давлат самти асосии фаъолияти давлат дар соҳаи идоракунии давлатии равандҳои иттилоотӣ мебошад, ки бо эъмор, нигоҳдорӣ, коркард, мубодила, ҳифз, паҳн намудани иттилоот алоқаманд буда, бо мақсади ташаккули фазои иттилоотии миллӣ (умумидавлатӣ) ва дохил намудани он ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ амалӣ карда мешавад.

5. Ҳар як давлат аз лаҳзаи пайдоишаш вазифаи ҷамъкунӣ, нигоҳдорӣ, мубодила, паҳн намудани иттилоотро ба зимма дорад. Аммо дар марҳилаи муосир фаъолияти иттилоотии давлат хусусияти мақсаднок, муташаккил, устувор ва асоснок касб мекунад. Дар ин марҳила функсияи иттилоотии давлат моҳият ва таъиноти иҷтимоии давлати муосирро ифода мекунад, самти асосии фаъолияташ дар соҳаи ташаккулу инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ (технотронӣ) маҳсуб мешавад. Ҷомеаи мазкур марҳилаи нави таърихии инкишофи тамаддун буда, дар он иттилоот ва донишҳо маҳсулоти асосии раванди истеҳсолот мебошанд.

6. Аҳамият ва зарурати амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат бо омилҳои зерин вобаста мебошад: ҳалли вазифаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ пешбинӣ карда мешаванд; афзудани нақши иттилооти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ ва дигар дар ҳаёти ҷомеа; амалӣ намудани идоракунии давлатии самарабахш дар соҳаи иттилоот, захираҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ; нақши давлат дар ҷодаи ворид гардидани Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ; кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот; амалӣ гардидани сиёсати давлатии иттилоотӣ; танзими давлатии ҷомеаи иттилоотӣ, ки дар он истеҳсоли натиҷаҳои фаъолияти иттилоотӣ ва зеҳнӣ ба роҳ монда мешавад; таъминоти давлатии амнияти иттилоотӣ аз таҳдидҳои иттилоотӣ (ҷанги иттилоотӣ-психологӣ, таҳдидҳои киберӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва дигар).

7. Иттилоот ҳамчун захираи стратегии давлат, қувваи пешбарандаи ҷомеа, объекти ҳуқуқ, мол ва предмети танзими ҳуқуқӣ айни замон объекти таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба фазои иттилоотӣ тибқи самтҳои зерин амалӣ мегардад: 1) идоракунии давлатии ҷомеаи иттилоотӣ дар доираи сиёсати

давлатии иттилоотӣ; 2) роҳандозии тадбирҳои давлатӣ оид ба лоиҳакашӣ, ташкил, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои алоқа, телекоммуникатсияҳо; 3) аз тарафи давлат амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳо дар соҳаи таъминоти иттилоотии механизми давлат; 4) ҳифзи амнияти иттилоотӣ, муқовимат ба ҳамлаҳои иттилоотӣ ба системаи иттилоотии миллӣ, назорат дар шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ; 5) таъминоти иттилоотии илм, маориф, фарҳанг, ташаккули фазои иттилоотӣ-фарҳангии миллӣ; 6) эҷоди заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти иттилоотӣ; 7) танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ; 8) назорати давлатӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ҳифзи мероси фарҳанги миллӣ, забони давлатӣ, воридшавии фарҳанги бегона; 9) ташаккули кафолатҳои давлатии амалишавии ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот; 10) таъмини фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи иттилоот.

8. Механизми амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат – маҷмӯи шаклҳо, усулҳо, тарзҳои таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа бо мақсади ташаккул, рушд ва амали ҳамаҷонибаи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Механизми мазкур аз унсурҳои зерин иборат аст: 1) субъектҳое, ки функсияи иттилоотиро амалӣ мекунанд ё барои амалишавии он мусоидат менамоянд; 2) объектҳои таъсиррасонии иттилоотии давлатӣ-ҳуқуқӣ; 3) шаклҳои амалисозии функсияи иттилоотии давлат; 4) усулҳои амалисозии функсияи иттилоотии давлат; 5) тарзҳои таъмини самаранокии таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи иттилоотӣ; 6) сиёсати давлатии иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи қарорҳои сиёсӣ ва воситаҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ, ки ба иттилоотонии ҷомеа ва танзими муносибатҳои иттилоотӣ равона карда мешаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ заминаи таҳқиқоти минбаъдаи функсияҳои давлат ва алалхусус функсияи иттилоотӣ шуда метавонанд. Хулосаҳо ва нуктаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таҳлили иттилоот, иттилоотонии ҷомеа, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, инкишофи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, захираҳои давлатии иттилоотӣ метавонанд истифода гарданд. Онҳо барои таҳқиқоти иттилооти ҳуқуқӣ, маҷмӯи проблемаҳое, ки бо танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ робита доранд, аҳамият доранд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ барои коркарди проблемаи эҷоди меъёрҳои кибернетикаи ҳуқуқӣ, истифодаи усулҳои кибернетикӣ ва математикӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ, алалхусус ба-

рои таҳқиқи мафҳуми «иттилоот» дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ аҳамият дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди амалӣ намудани сиёсати давлатии иттилоотӣ, такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти иттилоотии давлат метавонанд истифода шаванд. Онҳо барои такмили раванди таълим тавассути истифода дар китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии ҳуқуқшиносӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи гражданӣ ва дигар), кибернетика ва информатика аҳамият доранд. Хулосаҳо ва нуктаҳои диссертатсия зимни омӯзиши фанҳои таълимии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Сиёсати ҳуқуқӣ», «Техникаи ҳуқуқӣ» ва дигар метавонанд истифода шаванд. Онҳо метавонанд заминаи таҳқиқоти дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсионӣ гарданд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва интишори онҳо.** Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба иҷро расида, якчанд маротиба дар маҷлисҳои он муҳокима шудааст. Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи мазкур ба ҳимоя тавсия шудааст (Суратмаҷлиси № 3 аз 23.09.2018).

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 3 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар шакли маърӯзаҳо дар маводи конференсияҳои зерин ба табъ расонида шудаанд: Тавсифи моҳияти категорияи «функсияҳои давлат» аз лиҳози таърихӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Инкишофи конститутсионализм дар Тоҷикистон дар давраи истиқлолият» (Душанбе, 29 октябри соли 2014). – Душанбе, 2014. – С. 223-228.; «Функсияи давлат» ҳамчун категорияи бунёдии илми муосири давлатшиносӣ // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Тамоюли муосири инкишофи илм ва технологияҳо» (Белгород, 31 марти соли 2016). – Белгород, 2016. - № 3-6. – С.44-48; Категорияи «функсияи давлат» аз лиҳози муқоисавӣ-таърихӣ // «Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи Россия ва кишварҳои ИДМ» (Челябинск, 3-4 апрели соли 2015). – Челябинск, 2015. – С. 107-110; Моҳияти функсияи давлат дар ҳошияи гуногунии усулҳои илмӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Инкишофи илмҳои таърихӣ ва ҷомеашиносӣ дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон», бахшида ба 70-

солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (ш. Қӯрғон-теппа, 17 апрели соли 2015). – Қӯрғон-теппа, 2015. – С. 235-239.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия тибқи мақсад, вазифаҳо, мантиқи таҳқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 187 саҳифаро (ба истисноии рӯйхати адабиёт) ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамият, сатҳи таҳқиқи мавзӯи диссертатсия, объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асоси методологӣ ва назариявӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, натиҷаҳои тасвиби он муайян карда мешаванд.

Дар боби якуми диссертатсия «**Мавқеи функсияи иттилоотӣ дар низоми функсияҳои давлат бо дарназардошти дарк ва таснифи онҳо**» мафҳуми функсияҳои давлат, таснифи онҳо, мавқеи функсияи иттилоотӣ дар низоми функсияҳои давлат ва мустақилияти он таҳлил карда мешаванд. Дар зербоби якуми боби мазкур «**Мафҳуми функсияҳои давлат»** хулосаҳо ва нуктаҳои зерин ифода карда мешаванд:

1. Функсияҳои давлат бо дарназардошти самтҳои аввалиндараҷа, асосии фаъолияташ, ки ба таври объективӣ ташаккул ёфта, ба ҳалли саривақтӣ, самаранок, амалии вазифаҳои дар давраи муайяни инкишофи таърихӣ мубрам мусоидат менамоянд, бояд таҳқиқ карда шаванд. Дар ҷараёни ивазшавии марҳилаҳои инкишофи таърихӣ, алалхусус дар шароити ивазшавии навъҳои таърихии давлат аҳамият, зарурат, мубрамияти ин ё он вазифаҳои рушди ҷомеа тағйир меёбанд. Талаботи объективии инкишофи ҷомеа ва мутобиқан самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлатӣ низ тағйир меёбанд.

2. Таҳқиқоти функсияҳои давлат дар робита бо усули амалӣ афзалияти бештар дорад. Дар заминаи усули зикршуда таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба самтҳои фаъолияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ тавассути маҷмӯи тадбирҳо, шаклҳо ва воситаҳо дода шавад. Айни замон мазмуни фаъолияти давлатро ҳам фаъолияти

эҳтимолӣ ва ҳам воқеӣ ташкил медиҳанд. На танҳо фаъолияти фарзӣ, пешгӯишаванда, балки натиҷаҳои фаъолияти давлат нишонаи самаранокии фаъолияти функсионалии давлат маҳсуб мешаванд. Аз рӯйи натиҷаҳои идоракунии давлатӣ ба самаранокии фаъолияти функсионалии давлат, идоракунии ҳаёти ҷомеа, нақши мусбат, фарҳангӣ-тамаддунии давлат дар ин ё он марҳилаи инкишофи таърихӣ баҳо додан мумкин аст. Рушди иқтисодӣ, сатҳи некуаҳволӣ, пойдории ҷомеа, рушди устувори он, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нишондиҳандаҳои фаъолияти функсионалии самарабахши давлат маҳсуб мешаванд.

3. Функсияҳои давлат бо шароити мушаххаси таърихӣ муайян карда шуда, мунтазам зери таъсири омилҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ, анъанаҳо ва манфиатҳои миллӣ, проблемаҳои геосиёсӣ ва глобалӣ қарор доранд. Интихоби онҳо дар марҳилаи мушаххаси таърихӣ бо маҷмӯи шароитҳо, талабот, манфиатҳо, инчунин иродаи гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, ҳадафҳо ва манфиатҳои ҳизбҳои сиёсии ҳокимиятдор, стратегияи рушди ҷомеа муайян карда мешавад.

4. Функсияҳои давлат инкишоф меёбанд, аз талаботи ҳаёти ҷомеа вобастагӣ доранд, зери таъсири маҷмӯи омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигари ҳаёти ҷомеа қарор доранд. Онҳо дар марҳилаи муосири фаъолияти давлат ба ҳалли вазифаҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва дигар равона карда мешаванд. Мутобиқан мазмуни функсияҳои анъанавии давлат тағйир меёбанд, функсияҳои нав пайдо мешаванд. Инкишофи фаъолияти функсионалии давлат дар марҳилаи муосири дигаргуниҳои куллии ҷомеа бештар зоҳир мешавад. Ба фаъолияти функсионалии давлат шароиту омилҳои беруна низ таъсир мерасонанд. Проблемаҳои глобалии замони муосир ба мазмуни фаъолияти функсионалии давлат таъсир мерасонанд, зарурати роҳандозии сиёсати берунаи оқилона ва мақсаднокро дар робита бо шароити мавҷуда тақозо менамоянд.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Таснифи функсияҳои давлат ва мавқеи функсияи иттилоотӣ дар низоми функсияҳои давлат»** хулоса асоснок карда мешавад, ки таснифоти гуногуни функсияҳои давлат ҷой доранд, зеро онҳо дар заминаи маҳакҳои мухталиф гузаронида мешаванд. Ба ҳайси маҳакҳои таснифоти функсияҳои давлат соҳаҳои ҳаёти ҷомеа (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, низоми сиёсӣ, соҳаи экологӣ ва дигар), инчунин муносибатҳои ҷамъиятӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар), ки объекти таъсиррасонии давлатӣ (функсионалӣ) мебошанд, истифода мешаванд. Дар ин замина функсияҳои зерини давлат ҷудо карда мешаванд: иқтисодӣ; иҷтимоӣ (таъминот ва ҳифзи иҷтимоӣ);

сиёсӣ; фарҳангӣ-маънавӣ; идеологӣ (мафкуравӣ); иттилоотӣ; экологӣ; ҳифзи ҳуқуқӣ; молиявӣ-андозбандӣ. Функсияи ҳифзи ҳуқуқӣ ду зерфунксияро муттаҳид мекунад: ҳифзи ҳуқуқӣ (оид ба ҳифз ва кафолати ҳуқуқҳои инсон) ва ҳимоя ҳуқуқӣ (дар соҳаи ҳимояи асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа).

Дар таснифоти нав функсияи иттилоотии давлат ҷудо карда мешавад. Барои эътирофи мустақилияти он як қатор асосҳои боэътимод ҷой доранд. Як қатор олимон, функсияи иттилоотиро ҷудо накарда, айни замон таъкид мекунанд, ки таъсиррасонии иттилоотӣ ба ҷомеа яке аз усулҳои амалисозии функсияҳои давлат мебошад. Аммо истифодаи захираҳои иттилоотӣ аз ҷумлаи шаклҳои ғайриҳуқуқии амалисозии функсияҳои давлат маҳсуб мешавад. Ҷамъоварӣ, таҳлил, нигоҳдорӣ ва ҳифзи иттилоот дар фаъолияти ташкилии давлат васеъ истифода мешавад. Вале ин барои инкор намудани функсияи иттилоотии давлат асос шуда наметавонад. Дохил намудани фаъолияти иттилоотӣ ба шаклҳои ғайриҳуқуқии амалисозии функсияҳои давлат баҳснок аст. Фаъолияти иттилоотӣ таъсиррасонии фаъоли давлатӣ-ҳуқуқиро ба соҳаи иттилоот, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии ин соҳаро дар назар дорад.

Дар зербоби сеюми боби якум **«Мустақилияти функсияи иттилоотии давлат»** омилҳои зерин, ки мустақилияти функсияи иттилоотии давлатро собит менамоянд, инчунин аломатҳои он муайян ва таҳлил карда мешаванд: 1) объекти махсуси функсияи иттилоотии давлат – муносибатҳои иттилоотӣ, ки зери таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ қарор доранд; 2) мазмуни функсияи мазкур – маҷмӯи тадбирҳо, самтҳои фаъолияти давлат, ки предмет ё мазмуни функсияи мазкурро ташкил медиҳанд; 3) субъектони амаликунандаи функсияи иттилоотӣ, ки ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: а) ҳамаи мақомоти давлатӣ; б) сохторҳои ҳокимиятии махсус; 4) амалисозии функсияи мазкур бо истифода аз шаклҳо ва усулҳои махсус; 5) вусъати фаъолияти иттилоотии давлат дар соҳаи танзими давлатӣ-ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ; 6) хусусияти доимӣ, мунтазам, устувори фаъолияти иттилоотии давлат оид ба ҳалли вазифаҳои стратегӣ дар соҳаи иттилоотонии ҷомеа; 7) ташаккули ҷомеаи иттилоотии глобалӣ ва таъсири он ба системаҳои иттилоотии миллӣ, ки зарурати назорати давлатиро аз болои интиқоли иттилоотии глобалӣ, воситаҳои глобалии мубодилаи иттилоотӣ бо мақсади ҳифзи амнияти иттилоотӣ чун ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ талаб мекунад; 8) ҳифзи соҳибихтиёрии иттилоотӣ чун ҷузъи соҳибихтиёрии давлат тавассути ташаккул, нигоҳдорӣ ва ҳифзи захираҳои иттилоотии давлат; 9)

тарҳрезӣ ва амалӣ намудани сиёсати давлатии иттилоотӣ дар заминаи тактика ва стратегияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ тавассути шаклҳои махсус, аз ҷумла ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи иттилоот, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва амалисозии ҳуқуқ, фаъолияти тафсири ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули донишҳои иттилоотии аҳолӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ баҳри омода намудани кадрҳои ихтисосманди ҳуқуқшиноси дорои донишҳои иттилоотӣ; 10) муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотии глобалӣ (ҷанги иттилоотӣ, таъсиррасонии иттилоотӣ-равонӣ бо мақсади халалдор намудани ҷомеа, ҳамлаҳои киберӣ баҳри халалдор намудани системаи иттилоотии миллӣ, терроризми киберӣ ва ғайра).

Дар доираи таҳқиқи усулҳои гуногуни танзими ҳуқуқии иттилоот таваҷҷуҳи асосӣ ба чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ оид ба ҳифзи амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии омода намудани барномаҳои телевизионӣ ва радио барои солҳои 2017-2021», Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои бахши технологияҳои иттилоотӣ, ки аз тарафи Шӯрои Сарони давлатҳои ИДМ 28 сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе қабул шудааст, дода мешавад.

Дар боби дуюм **«Мафҳум ва амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат»** мафҳуми функсияи иттилоотии давлат, ҷанбаҳои мубоҳисавии ташаккули функсияи мазкур, омилҳои собиткунандаи зарурат ва аҳамияти он, иттилоот чун объекти таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ, механизми амалисозии ин функсия таҳқиқ карда мешаванд. Дар зербоби якуми боби мазкур **«Мафҳуми функсияи иттилоотии давлат»** хулоса пешкаш мешавад, ки дар адабиёти илмӣ тавсифҳои мухталифи функсияи иттилоотӣ ва ифодаи истилоҳотии он ҷой дорад. Таъминоти иттилоотии давлат ва шаҳрвандон мазмуни функсияи иттилоотии давлатро ташкил медиҳанд. Ақидаи як қатор олимон оид ба тавсифи маҳдуди функсияи иттилоотӣ, ки фаъолияти иттилоотиро унсури ҳамаи функсияҳои давлат мешуморад, баҳснок мебошад. Функсияи иттилоотии давлат унсури таркибии низоми функсияҳои давлат буда, хусусияти комплексӣ дорад ва аз маҷмӯи тадбирҳои аз тарафи давлат ва мақомоти он амалишавандаи ташкилӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ, моддӣ, кадрӣ ва дигар иборат аст.

Функсияи иттилоотии давлат ифодаи дохилӣ ва беруна дорад. Функсияи иттилоотии давлат тибқи самтҳои зерин амалӣ карда меша-

вад: сиёсати давлатии иттилоотӣ; муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ; сертификатсияи системаҳо, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои таъмини онҳо; таъминоти молиявии самтҳои афзалиятноки иттилоотонӣ; баҳисобгирии давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ; таҳсилот дар соҳаи иттилоотонӣ; маҳдуд намудани фаъолияти инҳисории давлат дар соҳаи иттилоотонӣ. Мазмуни функсияи иттилоотии давлатро тадбирҳои зайл ташкил медиҳанд: дастгирии давлатии захираҳо, системаҳо, технологияҳо, воситаҳои иттилоотӣ; баланд бардоштани сатҳи фарҳанги иттилоотии аҳолӣ, омодасозии касбии мутахассисон; пешгирии инҳисорот дар соҳаи иттилоотонӣ; муқовимат ба таҳдидҳои нави иттилоотӣ (ҷанги иттилоотӣ, муборизаи киберӣ, таҳдидҳои киберӣ ва ғайра). Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда аз тарафи муаллиф таърифи мафҳуми «функсияи иттилоотии давлат», ки ба ҳимоя ҳамчун нуктаи илмӣ пешкаш шудааст, ифода карда мешавад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Ҷанбаҳои мубоҳисавии проблемаи ташаккули функсияи иттилоотии давлат»** хулоса пешкаш мешавад, ки дар адабиёти илмӣ масъала оид ба замони ташаккули функсияи иттилоотии давлат баҳснок аст. Дар давлатҳои қадим тарзҳо ва роҳҳои гуногуни интиқоли иттилоот, ки муқаррароти идеологӣ, мафкуравӣ, асотирӣ, фарҳангиро ифода менамуданд, истифода мешуданд. Функсияҳои таъминоти иттилоотро давлатҳои қарни вусто низ амалӣ менамуданд. Фаъолияти иттилоотии давлат, аз қабили ҷамъу таҳлил, нигоҳдорӣ, паҳн намудани иттилооти фарҳангӣ-маънавӣ, ҳуқуқӣ ва дигар дар ҳамаи давраҳои инкишофи давлат амалӣ карда мешавад. Ҳама гуна давлат аз лаҳзаи пайдоишаш вазифаи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, паҳн намудани иттилоотро ба зимма гирифта буд. Айни замон фаъолияти иттилоотии давлат дар замони муосир, дар давраи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, ки дар он зарурати идоракунии давлатии мунтазам, муттасил, ҳаматарафаи соҳаи иттилоот бештар эҳсос карда мешавад, хусусияти мақсаднок, муташаккил, устувор ва бунёдӣ пайдо мекунад. Барои ҳамин, функсияи иттилоотии давлат маҳз дар марҳилаи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва истифодаи васеи захираҳои иттилоотии давлатӣ чун самти мустақили фаъолияти давлати муосир амалӣ карда мешавад.

Моҳият ва таъиноти давлатҳои қадим, асрҳои миёна ва баъдина на дар фаъолияти иттилоотии онҳо, балки дар намудҳои дигари фаъолият, аз ҷумла фаъолияти синфӣ-сиёсӣ, идеологӣ ва дигар зоҳир мешавад. Дар ҳаёти имрӯза бошад, функсияи иттилоотии давлат шакли ифодаи

моҳият ва таъиноти иҷтимоии давлат мебошад. Функсияи иттилоотии давлат дар марҳилаи иттилоотонии ҷомеа, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, истифодаи дастовардҳои инқилоби иттилоотӣ-технологӣ, ки шумораи бештари кишварҳоро фаро мегирад, ташкили захираҳои иттилоотии давлатӣ, иқтидори иттилоотии давлат ташаккул меёбад. Аз ин хотир, мафҳумҳои «фаъолияти иттилоотии мақомоти давлатӣ» ва «функсияи иттилоотии давлат»-ро мебояд ҷудо намуд. Давлат дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофаш фаъолияти муайянро оид ба ҷамъу таҳлил, истифода, паҳн намудан, мубодилаи иттилоот роҳандозӣ мекунад. Аммо дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа, аз ҷумла бо таъсири инқилоби иттилоотӣ-технологӣ ва иттилоъгардонии ҷомеа функсияи иттилоотии давлат мустақил мегардад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **«Омилҳои собиткунандаи зарурат ва аҳамияти функсияи иттилоотии давлат»** омилҳое, ки боиси мустақилият ва аҳамияти функсияи иттилоотии давлат мегарданд, таҳқиқ карда мешаванд. Ташаккули функсияи иттилоотии давлат бо талаботи объективии рушди ҷомеа муайян карда мешавад. Давлат наметавонад нисбат ба соҳаи паҳншавии иттилоот, аз ҷумла иттилооти дорои ақидаҳо, ғояҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ бетараф бошад. Ин омил зарурати функсияи иттилоотии давлатро муайян мекунад. Яке аз омилҳои муайянкунандаи мубрамияти фаъолияти иттилоотии давлат ташаккули воситаҳои ахбори омма, аз он ҷумла электронӣ дар фазои иттилоотӣ маҳсуб мешавад.

Функсияи иттилоотии давлатро сиёсати давлатии иттилоотӣ, ки дар доираи он Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи давлатии инкишоф ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳо амалӣ карда мешаванд, мубрам мегардонад. Функсияи иттилоотии давлатро ҳамчунин ташкили ҳукумати электронӣ дар заминаи Консепсияи ташкили ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам мегардонад. Аҳамияти функсияи иттилоотии давлатро зарурати танзими муносибатҳои иттилоотӣ дар давлатҳои пасошӯравӣ собит менамояд. Ворид гардидани Тоҷикистон ба фазои иттилоотии байналмилалӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошад, ки зарурати амалӣ намудани функсияи мустақили иттилоотии давлатро тақозо мекунад.

Таъмини ҳуқуқи инсон ба озодии иттилоот, ба дастрасии иттилооти барои ӯ зарур, шаффофияти фазои иттилоотӣ ба шарти риояи амнияти иттилоотӣ аз ҷумлаи омилҳои дигар мебошанд, ки мустақилият

ва зарурати амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлатро собит менамоянд. Амнияти иттилоотӣ, ки тибқи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мешавад, зарурати самарабахш амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлатро талаб мекунад. Ҷанбаи идоракунии фаъолияти иттилоотии давлат аз ҷумлаи омилҳои собиткунандаи мустақилият ва аҳамияти функсияи иттилоотии давлат маҳсуб мешавад. Омили дигар, ки зарурати функсияи иттилоотии давлатро мубрам мегардонад, вусъати ҷанги иттилоотӣ-психологӣ дар ҷаҳони муосир маҳсуб мешавад.

Дар зербоби чоруми боби дуюм **«Иттилоот чун объекти таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ»** мафҳумҳои «иттилоот», «системаи иттилоотӣ», «технологияҳои иттилоотӣ», «соҳибихтиёрии иттилоотӣ» таҳқиқ карда мешаванд. Соҳибихтиёрии иттилоотӣ маънои ҳуқуқи истисноии моликияти давлатро ба захираҳои иттилоотӣ дорад. Захираҳои иттилоотии давлат хусусиятҳои зайл доранд: хусусияти миллии захираҳои иттилоотӣ; мансубияти онҳо танҳо ба давлат; ташкили онҳо сарфи назар аз шартҳои дохилӣ ва беруна; салоҳияти озодона, мустақилона, новобаста аз дигарон ихтиёрдорӣ намудани ин захираҳо; паҳн намудани захираҳои иттилоотӣ дар тамоми қаламрави давлат. Воситаҳои таъминкунандаи соҳибихтиёрии иттилоотии давлат инҳо мебошанд: ҳифзи амнияти иттилоотӣ; муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ; сиёсати иттилоотии давлатӣ; паҳн намудани иттилооти давлатӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ; ҳифзи фазои иттилоотии миллӣ; назорати давлат дар соҳаи истифодаи захираҳои иттилоотии давлатӣ.

Дар ҷараёни танзими давлатӣ-ҳуқуқии соҳаи иттилоот хусусиятҳои зерини иттилоот зоҳир мешаванд: иттилоот унсури ҳатмии механизми танзими ҳуқуқӣ, заминаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқсозӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ мебошад; иттилоот заминаи қабули қарорҳои сиёсӣ ва идоракунӣ, шарти таъмини иттилоотии раванди таълиму тарбия, воситаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, мазмуни амалишавии сиёсати иттилоотӣ мебошад. Фаъолияти иттилоотии давлат хусусиятҳои зайл дорад: фаъолияти мақсаднок, муташаккил, танзимшудаи давлатиро дар назар дорад; аз тарафи давлат, мақомоти он, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ мешавад; фаъолияти субъектонро дар дохил ва хориҷи кишвар бо мақсади ворид шудан ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ дар назар дорад; бо мақсади ҳифзи амнияти итттилоотӣ роҳандозӣ мегардад. Фаъолияти иттилоотӣ намудҳои зерин дорад: кафолати ҳуқуқ ба иттилоот; коркард, истифо-

да, паҳн намудан, ҳифзи иттилоот; ташкили технологияҳо ва системаҳои иттилоотӣ; нигоҳдории иттилоот, коркард ва таҳлили иттилоот; муқаррар намудани реҷаи бехатарии объектҳои иттилоот; мубодилаи иттилоот; фаъолияти санҷишӣ-назоратӣ дар соҳаи иттилоот; таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи иттилоот; ҳамкории иттилоотии хориҷӣ.

Таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба фазои иттилоотӣ тибқи самтҳои зерин амалӣ мешавад: амалисозии сиёсати иттилоотии давлат; таъмини рақобат дар соҳаи иттилоот, роҳандозии тадбирҳо оид ба пешгирии инҳисорот дар бозори иттилоот ва хизматрасонии иттилоотӣ; таъмини ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот; ҳифзи иттилоот, ки бо манфиатҳои миллӣ, асосҳои фарҳангӣ-маънавии ҳаёти ҷомеа алоқаманд аст; муқовимат ба воридшавии унсурҳои бегона ба фазои иттилоотии миллӣ, ки ба ҳастии фарҳангӣ-миллӣ таъсири манфӣ мерасонад,; ҳифзи амнияти иттилоотӣ, моликияти зеҳнӣ, захираҳои иттилоотӣ; маҳовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ; назорат дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ; назорат дар шабакаҳои иттилоотии глобалӣ.

Дар зербоби панҷуми боби дуюм **«Амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат»** аз тарафи муаллиф таърифи мафҳуми «механизми амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат» пешкаш мешавад. Мафҳуми зикршуда унсурҳои зеринро фаро мегирад: 1) субъектони амаликунандаи функсияи иттилоотӣ ё мусоидаткунанда ба он; 2) объектҳои таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқии иттилоотӣ; 3) шаклҳои амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат; 4) усулҳои амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат; 5) тарзҳои таъмини самаранокии таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи иттилоот; 6) сиёсати давлатии иттилоотӣ чун низоми қарорҳои сиёсӣ ва воситаҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ, ки ба иттилоотонии ҷомеа ва танзими муносибатҳои иттилоотӣ равона карда мешаванд.

Дар зери мафҳуми шаклҳои амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат тарзҳо, зуҳуроти ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии фаъолияти амалии давлат оид ба ташкил, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол, паҳн намудан ва ҳифзи иттилоот бо мақсади ташаккул ва амали мунтазами ҷомеаи иттилоотӣ фаҳмида мешавад. Шаклҳои амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат инҳо мебошанд: фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, иҷроия, баҳисобгирӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ. Дар ҷараёни амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат усулҳои иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ, уҳдадоркунӣ истифода мешаванд.

Самтҳои асосии амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат инҳо мебошанд: ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ; ташаккули фазои ягонаи иттилоотии Тоҷикистон чун ҷузъи фазои иттилоотии ҷаҳонӣ; таъмини иштироки комилҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии иттилоотӣ; ҷамъоварӣ, таҳлил, паҳн намудан, нигоҳдории иттилоот бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллӣ; таъмини ҳуқуқи инсон ба иттилоот; рушди донишҳои иттилоотӣ ва хизматрасонии иттилоотӣ; таъмини иқтидори иттилотии давлат; дастгирии давлатии технологияҳо ва воситаҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ; таъминоти иттилоотии раванди таълим; иттилоотонии ҷомеа; ҳифзи амнияти иттилоотӣ.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои умумии таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дарҷ ёфтаанд.

**Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар маводи интишории зерини муаллиф дарҷ шудаанд:**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд:**

1. Ибрагимов, Д.К. Понятие функции государства в контексте разнообразия теоретических подходов / Д.К. Ибрагимов // Вестник ТНУ. – 2015. – № 2/6 (175). – С. 289-293 (0,5 ҷ.ч.).
2. Ибрагимов, Д.К. Этимологическая характеристика категории «функции государства» в исторической ретроспективе / Д.К. Ибрагимов // Вестник ТНУ. – 2015. – № 3/6 (176). – С. 84-86 (0,37 ҷ.ч.).
3. Ибрагимов, Д.К. Место информационной функции в системе функций государства / Д.К. Ибрагимов // Вестник ТНУ. – 2017. – № 2/2. – С. 225-227. (0,37 ҷ.ч.).

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо нашр шудаанд:**

4. Ибрагимов, Д.К. Единое информационное пространство как сфера реализации информационно-коммуникативной функции / Д.К. Ибрагимов // Государствоведение и права человека. – 2016. – № 2 (02). – С. 29-32(0,25 ҷ.ч.).
5. Ибрагимов, Д.К. Самостоятельность информационной функции как основного направления деятельности государства / Д.К. Ибрагимов

// Государствоведение и права человека. – 2017. – № 1 (05). – С. 26-31(0,37 ҷ.ч.).

6. Ибрагимов, Д.К. Сушностная характеристика категории «функции государства» в исторической ретроспективе / Д.К. Ибрагимов // Материалы международной научно-практической конференции «Развитие конституционализма в Таджикистане в период независимости». – Душанбе, 2014. – С. 223-228(0,37 ҷ.ч.).

7. Ибрагимов, Д.К. «Функция государства» как фундаментальная категория современного государствоведения / Д.К. Ибрагимов // Материалы международной научно-практической конференции «Современные тенденции развития науки и технологий». – Белгород, 2016. – № 3-6. – С. 44-48(0,3 ҷ.ч.).

8. Ибрагимов, Д.К. Категории «функции государства» в сравнительной ретроспективе / Д.К. Ибрагимов // Материалы международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы права России и стран СНГ». – Челябинск, 2015. – С. 60-64(0,3 ҷ.ч.).

9. Ибрагимов, Д.К. Сущность функции государства в контексте разнообразия теоретических подходов / Д.К. Ибрагимов // Материалы международной научно-теоретической конференции «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана», посвященной 70-летию Победы в Великой Отечественной войне (17-18 апреля 2015 г.). – Курган-Тюбе, 2015. – С. 235-239. (0,3 ҷ.ч.).

10. Ибрагимов, Д.К. Многообразие понятия «функции государства»: анализ теоретических подходов / Д.К. Ибрагимов // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистана. – 2017. – № 2. – С. 92-100(0,55 ҷ.ч.).

## АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Ибрагимова Далера Каюмовича на тему: «Информационная функция государства и ее реализация в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики»**

**Ключевые слова:** функция, функция государства, информация, информационная функция государства, информационная деятельность, информационные технологии, информационная политика, информационные ресурсы, информационный суверенитет, информационная безопасность, информационные угрозы, информационное воздействие, информатизация, информационное общество, информационное пространство.

Целью диссертационного исследования является научный анализ понятия и признаков информационной функции государства, обоснование ее самостоятельного места в системе функций государства, а также механизма ее реализации.

Методологическую основу диссертации составляют общенаучные и специальные методы, способы, приемы и принципы научного познания, в частности, философские принципы и методы, специальные методы кибернетики и информатики, социологического анализа, частно-научные - формально-юридический, историко-правовой, сравнительно-правовой, логико-правовой, информационно-правовой и другие методы.

Диссертационное исследование представляет собой одно из первых специальных исследований информационной функции государства Таджикистан. В ней раскрыто понятие информационной функции государства, выявлены ее признаки, социальные факторы и условия, доказывающие самостоятельность данной функции, ее значимость в условиях формирования национального и глобального информационного общества, анализированы каналы государственно-правового воздействия на информационную сферу, пути реализации информационной функции государства в Таджикистане.

По итогам исследования выработаны рекомендации по практической реализации информационной функции государства.

# АННОТАТСИЯ

## ба диссертатсияи Ибрагимов Далер Қаюмович дар мавзӯи «Функсияи иттилоотии давлат ва амалӣ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия»

**Калидвожаҳо**: функсия, функсияи давлат, иттилоот, функсияи иттилоотии давлат, фаъолияти иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, сиёсати иттилоотӣ, захираҳои иттилоотӣ, соҳибихтиёрии иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, таъсиррасонии иттилоотӣ, иттилоотонӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, фазои иттилоотӣ.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳкиқоти илмии мафҳум ва аломатҳои функсияи иттилоотии давлат, асоснок намудани мустақилияти он дар низоми функсияҳои давлат, инчунин механизми амалӣ намудани он ташкил медиҳад.

Асоси методологии диссертатсияро усулҳо, тарзҳо, роҳҳо ва принсипҳои умумиилмӣ ва махсуси дарки илмӣ, аз ҷумла принсипҳо ва усулҳои фалсафӣ, усулҳои махсуси кибернетика ва информатика, таҳлили сотсиологӣ, усулҳои хусусии илмӣ, аз қабили шаклии меъёрӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, иттилоотӣ-ҳуқукӣ ва усулҳои дигар ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз аввалин таҳқиқоти махсуси функсияи иттилоотии давлати Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар он мафҳуми функсияи иттилоотии давлат рӯшан карда мешавад, аломатҳои он муайян карда мешаванд, шароиту омилҳои иҷтимоӣ, ки мустақилияти функсияи мазкур, аҳамияташро дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотии миллӣ ва ҷаҳонӣ собит менамоянд, таҳлил мегарданд, роҳҳои таъсиррасонии давлатӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи иттилоот, самтҳои амалисозии функсияи иттилоотии давлат дар Тоҷикистон омӯхта мешаванд.

Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳо оид ба амалӣ намудани функсияи иттилоотии давлат пешкаш карда мешаванд.

## ANNOTATION

### on the dissertation work of Ibragimov Daler Kajumov on the theme: "Informational function of the state and its realization in the Republic of Tajikistan: the issues of the theory and practice"

**Key words:** function, the function of the state, information, informational function of the state, informational activity, informational technologies, informational policy, informational resources, informational sovereign, informational security, informational threat, informational influence, informational society, informing, informational space.

The principle aim of the dissertation investigation is the scientific analysis of the notion and signs of informational function of the state, justification of its independent role in the whole system of state's functions, as well as mechanisms of its realization.

Methodological basis of the dissertation is composed of the general scientific and special methods, technics, means and principles of scientific cognition, in particular, philosophical principles and methods, special technics of cybernetics and informatics, sociological analysis, private scientific- official judicial, historical and legal, comparative – legal, logical – legal, informational – legal, and other methods.

Dissertation investigation work represents itself one of the first special investigations of the informational function of the state in Tajikistan. Dissertation work defines the notion of informational function of the state, reveals its signs, social factors and conditions proving the independence of such function, its importance in conditions of national and global information society formation, as well as analyses the channels of governmental lawful influence on the informational sphere, and also the ways of realization of informational functions of the state in Tajikistan.

Some recommendations on practical realization of the informational function of the state are collaborated on the conclusion of the present scientific research investigation.

Подписано в печать 20.02.2019. Формат 60x84$^{1}/_{16}$.
Бумага офсетная. Печать офсетная.
Гарнитура Times New Roman Tj.
Усл. печ. л. 3,5. Тираж 100 экз. Заказ № 71.

ООО «ЭР-граф».
734036, г. Душанбе, ул. Р. Набиева, 218.
Тел.: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph@gmail.com